Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.07.2014,№15/14 тасдиқ шудааст.

**НИЗОМНОМА дар бораи мониторинги дохилимактабии сифати таҳсилот**

## *1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ*

1.1. Низомнома дар бораи мониторинги дохили- мактабии сифати таҳсилот (минбаъд Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, тартиби гузаронидани назоратро аз болои сифати таълим дар сатҳи муассисаи таҳсилоти умумӣ дар шакли мониторинг муайян менамояд.

1.2. Мониторинг шакли ташкилии ҷамъоварӣ, системаи баҳисобгирӣ ва таҳлили иттилоот дар бораи натиҷаҳои раванди таълим буда, барои ҳалли самараноки масъалаҳои идораи сифати таҳсилот равона карда мешавад.

1.3. Дар зери мафҳуми назорат дар шакли 'мониторинг назорату ташхисе фаҳмида мешавад, ки дар натиҷаи он шароит, раванд, натиҷаи фаъолияти таълимӣ бо мақсади муайян намудани мутобиқати он бо қонунгузорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва талаботи методӣ дар бораи таҳсилот омӯхта мешавад.

1.4. Гузаронидани таҳқиқоти мониторингӣ таъсис додани гурӯҳи махсуси мониторингро ҳамчун воҳиди сохтории Шӯрои методӣ тақозо менамояд.

## *2. МАҚСАДИ МОНИТОРИНГ*

2.1. Ба роҳ мондани мониторинг дар шакли назорат ба самтҳои зерин равона карда шудааст:

-риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф;

-истифодаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти муассисаи таълимӣ;

-такмил додани механизми идораи сифати таҳсилот (гашаккули шароит ва натиҷаи таҳсилот);

-баланд бардоштани самаранокии натиҷаи раванди таълим;

-гузаронидани таҳлил ва пешбинии анъанаи системаи таълим дар муассисаи таълимӣ

## *3. ВАЗИФАҲОИ МОНИТРИНГ*

3.1. Вазифаҳои мониторинг аз инҳо иборат аст:

-ба роҳ мондани назорати мунтазам аз болои раванди таълим;

-таъмини тамоми иштирокчиёни раванди таълим бо алоқаи дарозмуҳлати мутақобилае, ки дар бораи мутобиқати натиҷаҳои воқеии фаъолияти системаи педагогӣ бо мақсадҳои ниҳоии он дарак дода, барои дуруст арзёбӣ кардани сатҳ, самт ва сабабҳои қафомонӣ имкон медиҳад ва сифати таълимро дар сатҳи дар поён нишондодашуда таъмин менамояд;

-ошкор намудани нишонаҳои махсуси муваффақият ва норасоиҳои фаъолияти идоракунӣ ва педагогӣ;

-таҳия ва истифодаи технологияи ҷамъоварӣ, умумигардонӣ, таснифот ва таҳлили иттилоот;

-таҳияи бонки иттилоотии воситаҳои муосири технологияи компютерӣ;

-қонеъ намудани дархостҳои иттилоотии маъмурият ва сохторҳои асосии муассисаи таълимӣ оид ба пешбинӣ намудани маводи аналитикӣ ва маълумотӣ.

## *4. ОБЪЕКТҲОИ МОНИТОРИНГ*

4.1. Муҳити таълимӣ:
- ҳайати хонандагони муассисаи таълимӣ;
-таъминоти кадрии муассисаи таълимӣ;
4.2. Хонандагон
-сатҳи мутобиқат ба таҳсили хонандагони синфҳои 1, 5, 10;
-дараҷаи тайёрии хонандагон;
-дараҷаи тайёрии хонандагон (аз рӯи ҳамаи фанҳо);
-дараҷаи муташаккилии малака ва маҳорати умумитаълимӣ;
-дараҷаи тарбиятнокии хонандагон;
-дараҷаи рушди шахсии хонандагон;
-дараҷаи кор бо хонандагони болаёқат;
-сатҳи қонеъгардонии хонандагон бо раванди таълим дар муассисаи таълимӣ;

4.3. Коркунони педагогӣ:

-дараҷаи салоҳиятнокии касбӣ;
-сифат ва самаранокии кори педагогӣ;
-дараҷаи фаъолияти инноватсионӣ;
-таҳлили мушкилоти педагогӣ;
-фаъолияти худомӯзӣ

4.4. Раванди таълимӣ:

-маълумот дар бораи иҷрои фонди таълим;
-таҳлили назорати ибтидоӣ, фосилавӣ ва ниҳоии дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон.

1.1. Роҳандозии иҷтимоӣ-психологии раванди таълиму тарбия:
-шиносномаи иҷтимоии синф;
-ташхиси психологӣ;
-корҳои профилакгикӣ;
-корҳои ислоҳӣ

## *5. . ШАКЛҲОИ МОНИТОРИНГ ЧУНИНАНД:*

5.1. Аз рӯи давраҳои омӯзиш: воридотӣ, фосилавӣ, ҷамъбастӣ.
5.2. Аз рӯи вобастагии муваққатӣ: ретроспективӣ, ҷорӣ, афзалиятнок.
5.3. Аз рӯи мунтазамнокии тартибот: якдафъаина, фосилавӣ, мунтазам.
5.4. Аз рӯи шаклҳои муносибати объективӣ- субъективӣ: худназоратӣ, назорати байни ҳамдигарӣ, назорати зоҳирӣ.

## *6. ДАВРАҲОИ АМАЛӢ НАМУДАНИ ТАҲҲИҲОТИ МОНИТОРИНГИ.*

6.1. Муҳлати гузаронидани таҳқиқоти мониторингӣ бо нақшаи солонаи муассисаи таълимӣ, ки бо қарори Шӯрои омӯзгорӣ тасдиқ шудааст, муқаррар карда мешавад.
6.2. Таҳқиқоти мониторингӣ се давраро дар бар мегирад: -
6.2.1. Тайёрӣ: Давраи тайёрӣ объекти мониторинг, мақсадгузорӣ, муқаррар намудани меъёрҳои арзёбии натиҷаҳои мониторинг, таҳияи воситаҳои гузаронидани мониторинг, механизми хулосабарорӣ ва муайян намудани муҳлати гузаронидани мониторингро дар бар мегирад.
6.2.2. Амалӣ (ҷамъоварии иттилоот): Давраи амалӣ таҳлили ҳуҷҷатгузорӣ, омӯзиши бонки маълумоти иттилоотӣ-таҳлилии муассисаи таълимӣ, маълумот дар бораи коллективи омӯзгорон ва хонандагон, тестикунонӣ, корҳои контролӣ ва корҳои эҷодӣ, анкетакунонӣ, суҳбатҳои мақсаднок

бо хонандагон, падару модарон (шахсони онҳоро ивазкунанда), омӯзгорон ва худбаҳогузориро дар бар мегирад.

6.2.3. Аналитикӣ. Давраи аналитикӣ системакунонӣ ва таҳлили иттилоот, интихоб ва таҳияи тавсияҳо (ислоҳ ва пешгӯӣ), назорат аз болои истифодаи қарорҳои идоракунандаро дар бар мегирад.

## 7. *ТАЛАБОТ БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ МОНИТОРИНГ*

7.1. Самаранокии мониторинг ба базаи техникӣ (компютер, таъминоти барномавӣ, техникаи чопӣ), дуруст ба роҳ мондани ҳамаи давраҳои ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили иттилоот таъмин карда мешавад.

7.2. Нишондодҳои босифати иттилооте, ки дар рафти гузаронидани мониторинг ба даст меоянд, инҳоянд: объективӣ, амиқ, кофӣ, систематикунонидашуда, босифат ва саривақтӣ будан.

7.3. Давомнокии назорат дар шакли мониторинг на бояд аз 14 рӯз зиёд бошад.

7.4. Анкетакунонӣ, тестикунонии хонандагон бо истифодаи методикаҳои ташхисии ба таври илмӣ таҳияшуда гузаронида мешавад.

7.5. Маълумоти оморӣ бояд муқоисавӣ (зиёд/кам, хуб/бад), худ ба худ бо вақт (буд/ҳаст), бо стандартҳои таълимӣ (мувофиқат мекунад/мувофиқат намекунад) бошад. Арзёбии таҷрибавӣ ба микдори миёна бо риояи динамикаи нишондод сохта мешавад.

## 8. *ҲАЙАТИ ГУРУҲИ МОНИТОРИНГ ВА ТАҚСИМОТИ УҲДАДОРИҲОИ ВАЗИФАВИИ ИШТИРОКЧИЁНИ ТАҲҚИҚОТИ МОНИТОРИНГИ.*

8.1. Ба ҳайати гурӯҳи мониторинг шахсони зерин шомил мешаванд:

- муовинони дирек гор оид ба таълим;

-муовини дирекгор оид ба тарбия;

-роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ;

-роҳбарони синф;

-кормандони педагогӣ.

8.2. Роҳбарияти муассисаи таълимӣ чунин вазифаҳоро иҷро мекунад:

-системаи мониторинги дохилимактабӣ сифати таълимро таҳия намуда, онро дар амал ҷорӣ мекунад;

-тартибот ва мунтазамнокии гузаронидани таҳқиқоти мониторингиро муқаррар намуда, тасдиқ мекунад;

-роҳҳои минбаъдаи рушди муассисаи гаълимиро муайян мекунад.

8.3. Гурӯҳи монигоринг чунин вазифаҳоро иҷро мекунад:

-таҳқиқоти мониторингӣ мегузаронад;

-нагиҷаҳои мониторингро таҳлил мекунад;

-ҳиосботи натиҷаҳои маниторингро тайёр мекунад;

-оид ба бартараф кардани норасоиҳои муайянгардида тавсияҳо таҳия мекунад.

8.4. Роҳбари синф чунин вазифаҳоро иҷро мекунад:

-аз болои таълими умумии ҳар як хонанда назорат мебарад;

-натиҷаҳои мониторингро саривақт ба самъи падару модарон (шахсон онҳоро ивазкунанда) мерасонад;

-динамикаи рушди шахсияти ҳар як хонандаро таҳлил мекунад;

-тавсияҳоро аз рӯи худбаҳодиҳии натиҷаи таълимгирӣ таҳия намуда, ба хонандагон пешниҳод мекунад;

-мунтазам ба гурӯҳи мониторинг маълумот пешниҳод менамояд.

8.5 Омӯзгор чунин вазифа дорад:

-сатҳи дастовардҳои таълимии хонандагонро аз рӯи фанҳои таълимӣ, натиҷаҳои тестикунонӣ, корҳои контролӣ муайян намуда, таҳлил мекунад;

-роҳҳои баланд бардоштани сатҳи таълимгирии хонадагонро муқаррар мекунад;

-ба гурӯҳи назорати сифати мониторинг саривақт маълумот пешниҳод менамояд.

## 9. ***НАТИҶАҲОИ МОНИТОРИНГ***

9.1. Натиҷаҳои мониторинг дар нақша, таблитса ва диаграммаҳо ба тартиб даровара шуда, дар маводи маълумотӣ- аналитикие, ки тавсияҳои амиқи дар ҳақиқа г иҷрошавандаро дар бар мегиранд, инъикос меёбанд.

9.2. Таҳқиқоти мониторингӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои педагогӣ, ҷаласаҳои назди директор ва ҷаласаҳои Шӯрои методии муассисаи таълимӣ метавонанд баррасӣ гарданд.

9.3. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти мониторингӣ тавсияҳо таҳия шуда, қарорҳои дахлдор қабул карда мешаванд, фармоиш ба тасвиб расонида мешавад, банақшагирӣ ва пешгӯии рушди муассисаи таълимӣ амалӣ карда мешавад.